# ПРОТОКОЛИ № 01

**Ҷаласаи шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-050 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Муродов Амиршоҳ Амиралихонович дар мавзӯи «Технологияи муфиди беҳгардонии сифати баъзе равғани растаниҳои ғизоӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072704 – “Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ” омода щудааст**

аз 18 апрели 2023 г.

**Иштирок карданд:** д.и.т., дотсент Гафаров А.А. – раиси Шӯрои диссертатсионӣ; д.и.т.., профессор Иброгимов Х.И. – муовини раис; н.и.х., дотсент Икромӣ М.Б. – котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ; д.и.т., дотсент Амонзода И.Т.; д.и.х., профессор Муҳиддинов З.Қ., н.и.т., дотсент Хушматов А.Т., н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х.– 7 нафар аз 9 аъзоёни шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-050:

Раис: Муҳтарам, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, аз 9 нафар аъзоёни шӯро 7 нафар дар ҷаласа иштирок доранд. Кворум ҳаст. Шӯро дорои салоҳияти муҳокимаи масъалаи рӯзномаи ҷаласа аст. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Касе ягон пешниҳоди дигар дорад ё не? Не. Ба овоз мемонем. Ҳама тарафдор. Ҳама бо рӯзномаи ҷаласа шинос ҳастанд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1.Тасдиқи комиссияи экспертӣ оид ба ташхиси диссертатсияи Муродов Амиршоҳ Амиралихонович дар мавзӯи «Технологияи муфиди беҳгардонии сифати баъзе равғани растаниҳои ғизоӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072704 – “Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ” омода щудааст .**

**Шунида шуд:**

**Аз рӯйи масъалаи якум баромад намуданд:**

Икромӣ М.Б., котиби илмии шӯро, оид ба хӯҷҷатҳои пешниҳодшудаи Муродов А.А. ва мувофиқати онҳо ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таҳти № 267, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст. Дар парвандаи аттестатсионӣ ҳуҷҷатҳои зерин мавҷуд ҳастанд: аризаи довталаб ба номи раиси шӯрои диссертасионӣ Гафаров А.А. оид ба ҳимоя қабул кардани диссертатсия, рӯйхати корҳои илмии довталаб, диссертатсия ва автореферати он (3 адад), нусхаи

шиноснома, нусхаи тасдиқшудаи дипломҳо, варақаи шахсӣ. Ҳама ҳуҷҷатҳо ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Қарор қабул карда шуд:

1.Барои ташхиси диссертатсияи Муродов Амиршоҳ Амиралихонович дар мавзӯи "Технологияи муфиди беҳгардонии сифати баъзе равғани растаниҳои ғизоӣ", ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD) фалсафа, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072704 – "Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ" омода щудааст, комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

**Раҷабзода Сироҷиддин Икром** – доктори илмҳои химия, дотсент, аъзои шӯрои диссертатсионии якдафъаина (раиси комиссияи экспертӣ);

**Мирзозода Г.Х.** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, аъзои шӯрои диссертатсионии якдафъаина;

**Икромӣ М.Б.** – номзади идмҳои химия, дотсент, аъзои шӯрои диссертатсионии якдафъаина

2.Комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки диссертатсияи Муродов А.А.-ро ташхис намуда, ба шӯрои диссертатсионӣ хулосаи комиссияро оид ба мувофиқати диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси 6D072704 – "Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ", мувофиқати пуррагии дарҷ ёфтани маводҳои диссертатсия ба мақолаҳои аз ҷониби довталаб нашршуда ва мувофиқати диссертатсия ба дигар талаботҳои Ниомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод намояд. Инчунин, комиссия экспертӣ оид ба таъин намудани муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар хулосаҳои худро пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ :
«Тарафдор» - 7 нафар;
«Муқобил» - нест;
«Бетиараф» - нест

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,** **Гафаров А.А.**
**Д.и.т., дотсент**

**Котиби илмии шӯро,** **Икромӣ М.Б.**
**н.и.х., дотсент**